**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

Тақризи

муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов Сайдамир доир ба диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)

Таҳқиқот ба омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои умумиилмӣ ва фалсафии иттилоот, таҳаввули инсон дар шароити воқеияти иттилоотӣ, таъсири омили иттилоотӣ ба тафаккури инсон ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки масъалаҳои зикршуда яке аз мавзуъҳои калидии манзараи муосири илмии олам мебошад. Дар ҷомеаи муосир иттилоот ба омили муҳими муошират, тиҷорат ва маърифат табдил ёфта, хусусияти умумӣ доштани он имкон медиҳад, ки барои ворид шудан ба дигар фазо (сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ) дуруст истифода бурда шавад. Мубрам будани фаҳмиши фалсафии иттилоот дар шароити имрӯз бо як қатор сабабҳо алоқаманд аст. Аз ҷумла:

– дар адабиёти фалсафӣ вожае дигари бисёристифодашавандаеро чун иттилоот дарёфтан мушкил аст;

– иттилоот чун дониш «ҷузъи зарурии маърифати инсонӣ» буда, ҳатто доираи истифодаи мафҳуми “дониш”-ро то андозае маҳдуд карда истодааст;

– таҷрибаи рӯзгор ва дониши одамон доир ба ба ҳодисаҳои муҳити атроф дар ҳамбастагӣ бо азхудкунии иттилоот рушд меёбад, ки маҳз ҳамин раванд ба ташаккул ёфтани инфосфера оварда мерасонад;

– инсони муосир худро  на мавҷудоти сотсиосфера, балки инфосфера, на додаи муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ, балки муҳити иттилоотӣ эҳсос менамояд;

– иттилоотонии ҷомеа сабаби таҳаввули илмию техникӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ мегардад;

– дар ҷаҳони муосир иттилоот ба яке аз омилҳои муҳимтарин барои инсоният, технология ва низомҳои иттилоотӣ, инчунин коркарди ин захираҳо табдил ёфтааст;

– тавоноии ҳар як давлатро иқтидори иттилоотии он, яъне имконияти зуд ба даст овардан ва коркарди миқдори зиёди иттилоот муайян менамояд;

– тантанаи тафаккури технократӣ дар шароити инқилоби компютерӣ, ҷомеаи иттилоотӣ ва ғалабаи Интернет ба он оварда расонидааст, ки имрӯз бештар дар бораи зеҳни сунъӣ, зарурати донишро иваз кардани иттиллот, фаҳмишро иваз кардани хотира сухан меравад;

– инсон имрӯз дар фазои комилан нави коммуникатсионӣ – дар робитаи доимии байниҳамдигарӣ бо дигарон қарор дорад. Ин, пеш аз ҳама, бо рушд ва суръати баланди паҳншавии технологияҳои иттилоотӣ алоқаманд аст, ки имкон медиҳанд одамонро дар шабакаи ягонаи фазои иттилоотӣ (Интернет) муттаҳид намояд;

– бо дарназардошти дастрасии умум ба иттилоот тавассути телевизион, радио, Интернет ва дигар навъҳои ВАО таъсиррасонӣ ба шуур ва ҷаҳонбинии омма, назарфиребӣ ва заҳролудгардонии тафаккури ҷомеа қувват мегирад.

Диссертатсияи Камолов Ш.В. дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» дар ин самт қадами аввалин буда, бешубҳа, дорои аҳамияти муайяни илмӣ ва амалӣ мебошад. Зеро диссертант омӯзиш ва таҳлили фалсафии диди назарҳоро роҷеъ ба иттилоот дар шаклҳои гуногуни зуҳуроташ хеле мубрам арзёбӣ намуда, қайд намудааст, ки "...иттилоот ба мафҳуми калидии манзараи муосири илмии олам мубаддал гаштааст, ки бе фаҳмиши моҳияти асосии он тасаввуроти мо нисбат ба воқеият ботил ва ғалат мемонад" (саҳ. 4). Дар ин замина, таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми "иттилоот", гуруҳбандӣ ва банизомдарории назарияҳои асосӣ оид ба падидаи иттилоот, таҳқиқу пажӯҳиши таъсири рушди босуръати техника ва технология, афзоиши таъсири омили иттилоотӣ ба таҳаввули ояндаи инсон, таносуби иттилооту дониш, иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбинии муосири илмӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро ба сифати самтҳои асосии таҳқиқот интихоб шудаанд.

Интихоби дастгоҳи дурусти методологӣ, аз ҷумла такя ба методҳои маърифати илмӣ-диалектикӣ, таърихӣ, сохторӣ-системавӣ, таҳлилӣ-функсионалӣ, синергетикӣ, муқоисавӣ имкон додааст, ки паҳлуҳои гуногуни мавзуъро таҳқиқ ва ошкор намояд.

Тавре аз мундаричаи диссертатсия бармеояд, таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ ва методологии мафҳуми “иттилоот” дар доираи ҷанбаҳои гуногуни воқеияти иттилоотӣ, афзоиши таъсири омили иттилоотӣ ба таҳаввули ояндаи инсон, ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ба сифати мақсади асосии таҳқиқот муайян шудаанд.

Дар пояи мақсади гузошташуда, иҷрои як қатор вазифаҳои ҷиддии таҳқиқотӣ, аз қабили таҳлили таърихӣ-фалсафии пайдоиши мафҳуми “иттилоот”; шарҳи мафҳуми “иттилоот” дар доираи консепсияҳо ва назарияҳои илмӣ; омӯзиши масъалаи гуруҳбандӣ ва банизомдарории диди назарҳои асосӣ дар тавсифи чунин падидаи сермаъно, яъне иттилоот; муайян намудани таносуби дониш ва иттилоот; муайян намудани таъсири воқеияти иттилоотӣ ба таҳаввули ояндаи инсон; таҳлили хусусиятҳои асосии ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ; баҳодиҳии нақши ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраро ба анҷом расонидааст. Бояд зикр кард, ки дар ин асно диссертант хеле хуб аз уҳдаи иҷрои вазифаҳо баромадааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки зимни таҳлили таърихӣ-фалсафӣ муайян намудааст, ки то ибтидои асри XX истилоҳи “иттилоот” дар фаҳмиши муқаррарӣ истифода гардида, баъдан мазмуни фалсафӣ ва умумиилмиро касб карда, ба қатори мафҳумҳои бунёдии “материя”, “энергия”, “ҳаракат” ворид гардидаст. Ҳамчунин асоснок намудааст, ки яке аз масъалаҳои мубрами фалсафӣ-методологӣ дар илми муосир ин гуруҳбандӣ ва банизомдарории диди назарҳои асосӣ дар тавсифи чунин падидаи бисёрмаъно, чун иттилоот мебошад; дар доираи тамоилҳои нави илмӣ таъсири рӯзафзуни иттилоотонӣ, автоматонӣ, компютеркунонӣ, прогресси илмӣ-техникӣ ба таҳаввули ояндаи инсон мавриди баррасӣ қарор додааст; аз диди ҷаҳонбинӣ «иттилоот»-ро воқеан мафҳуми бисёристифодашаванда, дорои мазмун ва маънои васеъ муайян намудааст; аз нигоҳи фалсафӣ ва илмҳои гуманитарӣ масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи мубрами рӯз асоснок намудааст.

Дар ин замина, нуктаҳои зерини илман асоснокро ба ҳимоя пешниҳод менамояд:

– иттилоот ба сарвати муҳими ҷомеаи муосир табдил ёфта, низомҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва технологӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи имрӯза реша давонда, ба таври муттасил муҳити умумӣ ва арзишҳои моро дигаргун месозанд. Дар чунин шароит одамонро зарур

аст, ки тарзи кор, зиндагӣ ва фаъолияти хешро ба талаботи ҷомеаи нав мутобиқ гардонанд;

– айни ҳол назарияи иттилоотро намояндагони илмҳои табиӣ-техникӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ фаъолона таҳқиқ намуда истодаанд, ки натиҷаҳои бадастомада дар ин самтҳо дарки нави фалсафиро тақозо менамояд;

– натиҷаҳои бадастомада дар раванди мубоҳисаи байни мактабҳои субстансионалӣ, атрибутивӣ ва функсионалӣ барои таҳияи назарияи умумии иттилоот ва соҳаи нави таҳқиқот – иттилоотшиносӣ мусоидат менамояд;

– нақши боризи воқеияти иттилоотии муосир ва тағйироти ба он вобастаро дар таҳаввули инсон таъкид намуда, афзудани таъсири омили иттилоотиро ба таҳаввули ояндаи инсон ҳамчун масъалаи доғи рӯз арзёбӣ менамояд;

– афзудани нуфӯзи тафаккури технократӣ дар шароити инқилоби интернетӣ ва болоравии мақоми Интернетро дар сайёра қайд намуда, дар партави он ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро зарур мешуморад. Дар ин замина, қайд менамояд, ки дар мафкураи одамон манзараи иттилоотии олам ҳамчун ҷавҳари ҷаҳонбинии нави илмӣ мақоми марказӣ касб намуда истодааст;

– дар баробари ғояи пайдоиши одами нав – киборг (омехтаи одаму МЭҲ) масъалаи ташаккули ҳомо интеллигенс, ҳомо электроникусро ба миён гузошта, қайд менамояд, ки намуди ҳозираи одам - «ҳомо сапиенс» бори аввал нест, ки худро аз чунин вазъиятҳои тақдирсоз сарбаландона берун баровардааст. Агар ин фарзия дуруст бошад, он гоҳ ҳомо сапиенс ҳама гуна таҳдидҳои киборгиро паси сар намуда, мавҷудияти худро идома хоҳад дод;

– таъсири рӯзафзуни омили иттилоотиро ба инсон, махсусан ҷавонон қайд намуда, вобаста ба ин ҳолат ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро дар онҳо ҳамчун масъалаи мубрами фалсафа, илм, сиёсат ва фарҳанги ватанӣ арзёбӣ менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се фасл, ҳашт зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамӣ, дараҷаи таҳқиқ, мақсад, вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ нишон дода шудаанд.

Дар фалси якум **«Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот»** масъалаи ҷой доштани ихтилоф дар фаҳмиш ва истифодаи мафҳуми "иттилоот", аҳамияти иттилоот ва дарки фалсафии он, истифодаи мазмуни иттилоот дар таърихи афкори фалсафӣ, мазмуни фалсафӣ ва умумиилмӣ касб кардани он, тамоилҳои асосӣ дар таҳқиқ ва тавзеҳи мафҳуми "иттилоот" баррасӣ гардидаанд. Дар зерфасли якум таҳаввули тасаввурот оид ба фаҳмиши муқаррарии мафҳуми "иттилоот"-ро баррасӣ намуда, дар зерфасли дуюм қайд менамояд, ки аз миёнаҳои солҳои 20-уми асри XX вазъи сифатан нав ба амал омада, тамоюли рушд ва омӯзиши ҳамаҷонибаи иттилоот ҳамчун мафҳуми махсуси илмӣ оғоз мегардад (саҳ. 38). Дар зерфасли сеюм зимни таҳлили равишҳои субстансионалӣ, атрибутивӣ, функсионалӣ ва таносуби иттилоот бо инъикос нишон медиҳад, ки иттилоот ҳамчун категорияи фалсафӣ ба қатори чунин мафҳумҳои бунёдӣ, монанди "материя", "энергия" ва "ҳаракат" ворид мегардад (саҳ. 58). Аз мантиқи баёни андешаи муаллиф пай бурдан мумкин аст, ки диссертант ҷонибдори назарияи атрибутивӣ мебошад.

Фасли дуюм **«Иттилоот ҳамчун омили муҳими ҷаҳонбинии илмӣ»** ба баррасии масъалаҳои таҳаввули инсон дар шароити воқеияти иттилоотӣ, таносуби иттилоот ва дониш, иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ бахшида шудааст. Дар зерфасли якуми ин бахш масъалаҳои "Оё муҳити тағйирёфтаи инсон бо таҳаввули биологиву иҷтимоии вай таъсир мерасонад ё не?"; "Рушди босуръати техника ва технология, прогресси илмӣ-техникии имрӯза дар оянда инсониятро ба куҷо мебарад?"; "Мо ҳамчун «ҳомо сапиенс» ба кадом самти инкишоф ва таҳаввулот равонем ва зинаи нави таҳаввули мо чӣ гуна аст?"; "Дарояндаи наздику дур таҳаввули моро чӣ интизор аст?" муҳокима гардиданд. Дар ин замина, диссертант масъалаҳои «киборг» – омехтаи биологию техникӣ шудани инсон, марҳилаи киборгикунонӣ, роботикунонӣ, таҳаввули инсон аз «ҳомо сапиенс» ба «ҳомо информатикус», «ҳомо интеллигенс», «ҳомо электроникус» ва «ҳомо техник»-ро таҳлилу баррасӣ менамояд. Дар ин хусус андешаи муаллиф воқеъбинона мебошанд: "...Инсони имрӯза, ки дар иҳотаи проблемаҳои глобалӣ, буҳрони иттилоотӣ қарор дорад, маҷбур аст тамоми ҳодисоти дар Олам баамаломадаро пайгирӣ намояд. Ӯ ба иттилоот монанди ғизо низ ниёз дорад ва маҷбур аст дар шароити буҳрон ва афзоиши ҳаҷми иттилоот қобилиятҳои худро таҳким бахшад" (саҳ. 76). Дар зерфасли дуюм масъалаи таносуби иттилоот ва донишро баррасӣ намуда, чунин андешаи қобили дастгириро баён намудааст: "Дар таносуб бо якдигар, мафҳуми "иттилоот" нисбат ба мафҳуми "дониш" васеътар аст.

Иттилоот ин хосияти умумитарини материя ва дар равандҳои иртиботии кибернетикӣ зоҳиршаванда мебошад. Дониш натиҷаи фаъолияти маърифатӣ, низоми махсуси тавассути он бадастовардаи мафҳумҳо дар бораи воқеият мебошад» (саҳ. 100). Дар зерфасли сеюм бошад, иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонбинии муосири илмӣ арзёбӣ гардида, диссертант воқеъбинона қайд менамояд, ки "...аз нигоҳи фалсафӣ замони тағйир додани консепсияи асосҳои бунёдии олам фаро расидааст: бар ивази ифодаи «олам моддист» бояд «олам моддӣ-иттилоотист»-ро истифода бурд" (саҳ. 116).

Дар фасли сеюм **«Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таъсири иттилоотонии ҷомеаи муосир ба дигаргуншавии фаъолияти инсонӣ, тарзи тафаккур ва низоми арзишҳо, зарурати даст кашидан аз ҷаҳонфаҳмии кӯҳна ва дар асоси донишҳои нави муосири илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ, технологӣ, астрофизикӣ ва ғайра ташаккули дарки нави фалсафии манзараи нави илмии олам, ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ матраҳ мегарданд. Дар ин замина, диссертант қайд менамояд, ки "...Акнун марҳилаи инқилоби глобалии иттилоотӣ оғоз ёфт, ки хусусияти иттилоот, роҳҳои таҳвил ва нақши он дар ҳаёти ҷомеа ба дигаргуниҳои ҷиддӣ дучор омад. Раванди тағйирёбии ҷомеаи саноатӣ ба пасосаноатӣ ё худ иттилоотӣ равшан набуда, ба таври ҷиддӣ дарки нави тасаввуроти моро дар муносибати инсон ба иттилоот талаб менамояд. Дар ин замина, яке аз масъалаҳои асосӣ дар манзараи муосири илмии олам ин иттилооти иҷтимоӣ, яъне равандҳои иттилоотӣ дар ҷомеа мебошад" (саҳ. 125). Вобаста ба ташаккули фазои иттилотии ҷомеа, ки идоранашаванда гардида истодааст, диссертант одилона қайд менамояд: "Васоити ахбори омма, телевизион, шабакаи глобалии Интернет бо методҳои таблиғоту намоиш на ҳама вақт ҷаҳонбиниро ба ҷониби арзишҳои таърихан ташаккулёфтаи илмӣ-фарҳангӣ ва ахлоқӣ равона месозанд. Аз ин ҷост, ки дарки нодурусти иттилоот дар қишрҳои ҷомеа ба оқибатҳои номатлуб бурда мерасонад". "Бо вуҷуди ин, падидаи комилан равонӣ... дар тағйир ёфтани тасаввуроти анъанавии инсон оид ба падидаҳои бунёдии олами воқеӣ, фазо ва вақт ба назар мерасад. Чунки дар ҷомеаи иттилоотӣ фазо ва вақт ҷазб ва ягона гардида, дар фаъолияти иттилоотӣ маҳдудияти фазоӣ-вақтӣ аз байн меравад" (саҳ. 139).

Хулосаҳои пешниҳоднамудаи диссертант ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси мақсад ва вазифаҳои муайяншуда асоснок ва боэътимод буда, истифодаи онҳо аз манфиат холӣ нест.

Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашударо боэътимодии методологии муқаррароти назариявӣ, мувофиқати методҳои таҳқиқот ба ҳадафҳо ва вазифаҳои он, инчунин, истифодаи методҳои диалектикӣ, объективӣ, таърихӣ, мантиқӣ ва муқоисавӣ таъмин намудааст. Манбаъ ва заминаи муътамади таҳқиқотро асарҳо, корҳои илмии олимон дар шакли монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, инчунин махзанҳои электронии интернетӣ ташкил медиҳад.

Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки онҳо дар таҳияи асосҳои фалсафӣ ва методологии назарияи иттилоот, ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ва тасаввуроти амиқ дар бораи воқеияти иттилоотӣ, мушкилот, равияҳо ва зиддиятҳои гуногуни дар ин самт ҷойдошта саҳми бориз доранд. Натиҷаҳои илмии диссертатсия метавонанд ба ҳифзи шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷавонон аз таъсири ахбору иттилооти манфӣ мусоидат кунанд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи табиатшиносӣ, фалсафаи илм, фарҳангшиносӣ, антропология, консепсияи табиатшиносии муосир ва ғайра истифода кард.

Ҳамзамон, диссертант тавсияҳои зерини ҷолиби диққатро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод намудааст:

– дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои фалсафа ба асосҳои фалсафӣ, методологӣ, гносеологӣ, илмӣ-табиӣ ва гуманитарии падидаи иттилоот, ки мақоми калидиро дар манзараи муосири илмии олам ишғол менамоянд, аҳамияти ҷиддӣ дода шавад;

– ҷиҳати ташаккули ҷаҳонбинии нави илмӣ ва иттилоотӣ дар ҷавонон ва сокинони ҷомеаи имрӯза чораҳои амалӣ андешида шавад;

– бо мақсади ташаккули тасаввуроти амиқ дар бораи воқеияти иттилоотӣ, мушкилот, равияҳо ва зиддиятҳои гуногуни ҷойдошта дар ин ҷода таълими курси махсус аз фанҳои нави фалсафаи иттилоот ва иттилоотшиносӣ дар муассиссаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд ба роҳ монда шавад;

– натиҷаҳои илмии соҳаи нави фалсафаи иттилот ва иттилоотшиносӣ ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи илм, метод ва методологияи илмӣ-таҳқиқотӣ, фалсафаи табиатшиносӣ, антропология ва омода сохтани лексияҳо, курсҳои махсус ва семинарҳо оид ба мавзуъҳо ва фанҳои дахлдор истифода бурда шаванд;

– барои ҳифзи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, аз ҷумла, ҷавонон аз таъсири иттилооти манфӣ ва иғвоангез бояд дар онҳо ҷаҳонбинии иттилоотӣ ва интиқодӣ ташаккул дода шавад;

– шаҳрвандон, аз ҷумла, ҷавононро мебояд пеш аз ворид гардидан ба фазои иттилоотӣ, аз ҷумла ҳангоми ҳузур дар Интернет, барои аз таъсири иттилооти носаҳеҳ эмин будан ба манбаъ, мазмун, эътимоднокӣ ва арзишмандии иттилоот диққати махсус диҳанд;

– барои ташкили фазои мусоиди иттилоотӣ ва аз таъсири омилҳои номатлуби иттилоотӣ эмин будан, зарур аст, ки сатҳи саводнокии истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва шабаки Интернетӣ дар сокинони кишвар боло бурда шавад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамояд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Равиши пайдарҳамии мантиқии фикр дар ҳама қисматҳои диссертатсия мушоҳида шуда, андешаҳои муаллиф илман асоснок мебошанд. Сатҳи баланди назариявии таҳқиқот, возеҳу равшан баён кардани мақсад ва хулосаю тавсияҳо хусусияти муҳими диссертатсия мебошанд. Бо назардошти ҳамин хусусият, диссертатсияро кори илмии анҷомёфта ва дорои мазмуну муҳтавои илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Камолов Ш.В. баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки баррасии онҳо барои такмили корҳои имлӣ-таҳқиқотии диссертант мусоидат менамоянд:

1. Диссертант ба мавқеи имрӯзаи ҷомеаи тоҷик баҳои даркорӣ надода, таъкид менамояд, ки “Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар имрӯз дар давраи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва технологӣ қарор дорад, дар ин раванд барои он ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ мақоми калидиро ишғол менамояд” (саҳ. 128). Ҳоло он ки имрӯз вазифаи гузариш ба ҷомеаи саноатӣ ҳамчун ҳадафи чоруми миллии кишвари мо ба миён гузошта шудааст.
2. Диссертант дар фасли 1.1 “Генезиси таърихӣ-фалсафӣ ва тасаввуроти тоилмӣ оид ба мафҳуми иттилоот” ҳам тасаввуроти тоилмӣ ва марҳилаҳои рушди илм (асрҳои XVIII-XIX)-ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Бинобар ин, дар номи зерфасл тағйирот ворид намудан ба мақсад мувофиқ аст.

3. Диссертант зимни таҳқиқи масъалаи таносуби иттилооту дониш дар зерфаслҳои 1.3. ва 2.3. ба такрор роҳ додааст. Хуб мешуд, ҷаҳати ҳамоҳангии қисматҳои таҳқиқот саҳ. 55 (1.3.) ба зерфасли 2.3. бурда мешуд.
4. Дар матни диссертатсия камбудиҳое дида мешаванд, ки хислати техникӣ ва услубӣ доранд.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд. Диссертатсия таҳқиқоти илмии мустақилона ва анҷомёфтаи муҳаққиқ буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурри Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ,
доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи ҷомеашиносии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон С.Ҷононов

Имзои С. Ҷононовро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ Ш.Н. Ҷураев